# 129689 - Ҳукми қисм-қисм пардохт намудани суғуртаи ҳатмӣ

**савол**

Дар Ирландия суғуртаи мошин ҳатмӣ (ва маҷбурӣ) аст ва барои хариди суғурта ду роҳ вуҷуд дорад: Ба таври комил пардохт намудан, ки хеле душвор аст ва мо тавони онро надорем. Ё қисм-қисм пардохт намудан, ҳар моҳ 100 евроӣ, вале маблағи иҷмолии пардохти қисм-қисм аз пардохти якбораи он аз сабаби фоиз ба маротиб зиёд мегардад. (Оё ин амал ҷоиз аст)?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Суғуртаи тиҷоратӣ бо тамоми намудҳояш ҳаром аст, хоҳ барои мошин бошад ё хона ва ё ҳаёт, зеро дар он ғарар ва қимор вуҷуд дорад. Аммо агар инсон ба гирифтани суғурта маҷбур карда шавад ва аз он роҳи халосӣ набошад, дар ин ҳолат, барояш ҷоиз аст, ки ин корро бикунад. Гуноҳи он бар касест, ки ӯро ба ин кор маҷбур кардааст. Ба ҷавоби саволи рақами (45918) руҷӯъ карда шавад.

Агар барои пардохти суғурта ду роҳ вуҷуд дошта бошад, яке нақдӣ ва дигаре қисм-қисм, пас ҳеҷ боке нест, ки онро қисм-қисм пардохт намояд, гарчанде ки он аз қимати аслӣ зиёдтар бошад, зеро он қарз нест, ки маблағи зиёдатиашро рибо шуморем.

Аллоҳ донотар аст.